Мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 24 Ноябр, 2021 - 15:27
[1]

Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи Парчами давлатӣ таҳти унвони «Садоқат ба Парчами давлатӣ» рӯзи 24-уми ноябри соли 2021 баргузор гардид. Дар мизи мудаввар роҳбарият ва кормандони Кумита

иштирок намуданд, ки он бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Баъдан, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор Олимҷон Муҳаммадҷонзода сухани табрикотиро оғоз намуда, ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ ҳозиринро муборакбод гуфта, қайд намуданд, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 ноябр Рӯзи Парчами давлатӣ эълон гардида, дар таҷвими рӯзҳои ид ворид шудааст, ки ин амри басо судманде дар ростои худшиносии миллист. Ин рӯзи муборак собитгари ифтихору эҳтироми мо нисбат ба муқаддасоти миллат, аз ҷумла Парчами давлатист. Парчам яке аз рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Рамзҳои давлатӣ, пеш аз ҳама, нишонаи давлати ташаккулёфтаи комилҳуқуқ мебошанд. Имрӯз Парчами миллии мо дар баробари дигар рамзҳои давлатӣ мақому мартабаи махсусе дорад, ки боиси шарҳу баён ва дӯст доштан аст. Парчами миллӣ рамзи садоқат, рафоқат, фахру ҳувият ва таҷассумгари ифтихору ору номус ва ватандорист. Ифтихори парчами кишвари мо, ифтихори миллати куҳанбунёди мост, ки дар тӯли асрҳо ба кашмакашиҳои таърихӣ нигоҳ накарда, ҳамчун рамзи миллати соҳибтамаддун боқӣ мондааст. Парчам аз бузургтарин арзиши имрӯзу фардои кишвар мебошад ва аз нигоҳи эътибори умум муқаддастарин рамзи давлатист, ки расидан ба қадри он қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди ҷомеа ба шумор меравад.

Сипас, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Олимҷон Муҳаммадҷонзода ҳозиринро барои муттаҳид шудан зери ин Парчам ҳушдор намуда, суханро ба кормандони Кумитаи забон ва истилоҳот доданд.

Дар чорабинии мазкур аз тарафи кормандони Кумита маърузаҳо дар мавзуи «Таърихи пайдоиши парчами тоҷикон» ва «Парчами давлат – ифтихори миллат» шунида шуданд. Чорабинӣ бо арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ ба суруду оҳанги «Парчами ковиён» ҷамъбаст гардид.

Баҳодиҳии муҳтаво: 3

Баҳои миёна: 3 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

•

•

•

•

•

Манбаъ::http://www.istilohot.tj/tg/content/mizi-mudavvar-bahshida-ba-ruzi-parchami-davlatii-chumkhurii-tochikiston?mini=2024-03

Пайвандҳо
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/2.jpeg [2] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_1.jpeg [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/2_1.jpeg [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/3_1.jpeg [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/4_0.jpeg [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/5_1.jpeg